**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода", доктори илми филология, профессор**
**_____Низомӣ М. З.**

**« 20 » декабри соли 2022.**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар — Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар замони ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба маводи публитсистӣ рӯз ба рӯз меафзояд. Дарки арзиши мустақилияти ин соҳаи эҷод, ки таъсири амалии он ба ҳодисаҳои таърихию адабӣ эътироф шудааст, таъкид бар афзалияти касбии он дорад. Таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар дар илми публитсистикашиносии тоҷик муҳим ва аҳаммиятнок буда, анҷоми он на фақат ба таври куллӣ фарогирии масъалаҳову мавзуъҳо, балки яклухтии таҳқиқро низ тақозо мекунад, ки шинохти илмии фаъолияти рӯзноманигорӣ, касбият, тозагии андеша ва муайян намудани аҳамияти давраҳои фаъолияти эҷодии ӯ дар рӯзномаҳои гуногун аз ин ҷумла аст.

Омӯзиш ва пажӯҳиши осори ин ё он эҷодкор аз ҷумла Ҳилолиён Аскар бидуни ба назар гирифтани воқеияти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии замони зиндагӣ номумкин аст. Зеро фаъолияти публитсистии ин ё он рӯзноманигору адибро, ки ба ҳам сахт алоқаманданд, наметавон ҷудо аз муҳити иҷтимоиву касбӣ таҳлил ва арзёбӣ кард.

Воқеиятҳои гуногун ва муайян намудани алоқамандии онҳо бо сарнавишт ва эҷодиёти Ҳилолиён Аскар бо мақсади ошкор сохтани қонуниятҳои муҳим ва тамоюлҳои инкишофи фардияти эҷодӣ ва маҳорати ҳунарии ӯ аҳамияти хос дошта, нақш ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи рӯзноманигории тоҷик дақиқ муайян мекунад. Ин нуктаҳо аз мубрамият ва аҳамияти таҳқиқи диссертатсионии диссертант шаҳодат медиҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, ҳашт фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, муаллиф моҳияти мавзуъро дуруст маърифат карда, онро бо дарназардошти методологияи таҳқиқ баррасӣ намудааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, арзиши назариву амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия – **«Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳилолиён Аскар дар воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии замон»** ду фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал, ки **«Нақши омилҳои замон ва муҳити иҷтимоӣ дар ташаккули шахсияти Ҳилолиён Аскар»** унвон гирифтааст, таъсири омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дар ташаккули шахсияти инсонӣ ва ҳунарии рӯзноманигор ва публитсист муайян шудааст. Аз ҷумла таъкид гардидааст, ки Ҳилолиён Аскар аз давраи мактабхонӣ ба рӯзноманигорӣ ҳаваси хос дошт ва хабару мақолаҳояш мунтазам дар матбуоти даврӣ чоп мешуданд.

Дар фасли дуюми боби аввал самтҳои фаъолияти эҷодии Ҳилолиён Аскар, аз ҷумла рӯзноманигорӣ, публитсистӣ ва нависандагӣ муфассал таҳқиқ шудааст. Диссертант ба василаи таҳқиқ ва баррасии қиёсӣ мушаххас намудааст, ки дар фаъолияти рӯзноманигорӣ ва публитсистии Ҳилолиён Аскар равиш ва тамоюли худшиносии иҷтимоӣ заминагузори

асосии самтгириҳо ва омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ василаи таҳрикбахш ва созандаи ин раванд будаанд. Диссертант дар фасли мазкур ба хулоса омадааст, ки фаъолияти эҷодии Ҳилолиён Аскар асосан дар ду самт: а) таблиғотӣ ва б) масъалагузорӣ ҷараён гирифта, ба ин равиши самтгириҳои ӯ дар инъикос ва тасвири воқеиятҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар таъсири сиёсати фарҳангии ҳизби коммунист ва давлати шуравӣ назаррас аст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои мавзуии асарҳои Ҳилолиён Аскар»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал, ки **«Унсурҳо ва сохтори мундариҷавии осор»** номида шудааст, аносири сохторӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии таълифоти Ҳилолиён Аскар мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқ диссертант таъкид мекунад, ки осори публитсистии Ҳилолиён Аскар бо унсурҳо ва хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ тафовут дошта, аз чанд паҳлӯ, унсур ва ҷанбаъ иборат мебошанд.

Дар диссертатсия очеркҳои «Дасти сабуки Мушарраф», «Тақдири арбоб» (бо ҳамқаламии М. Узоқов), «Духтур ва аҷал» ва «Ҷӯянда-ёбанда» ҳамчун намунаи «публитсистикаи хоси таърихи муосир» (Е. П. Прохоров) муфассал таҳқиқ ва таҳлил шуда, унсурҳои сохторӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии онҳо дар фаро гирифтани воқеиятҳо ва сарнавишти инсон мушаххас гардидааст. Диссертант таъкид намудааст, ки инъикос ва арзёбии масъалаи дар муқобили ҳам гузоштани харобии андешаҳои куҳнаи хурофотӣ, ки ба пешрафти ҳаёти ҷомеа халал мерасонанд, дар эҷодиёти Ҳилолиён Аскар мавқеи мушаххас дорад. Масалан, дар очеркҳои «Аз Масчоҳ ба Масчоҳ» ва «Дасти сабуки Мушарраф» ин мавзуъ амиқтар ва бо санадҳои мушаххас ба тасвир омада, дар фасли «Дар кӯчаи МОПР»-и очерки «Дасти сабуки Мушарраф» муаллиф барои чеҳраи шахсияти аслиро воқеӣ нишон додан, аз усули қиёси таҷридӣ ва муқобилгузории андешаи пешрав бо «урфу одатҳои куҳна» истифода карда, ба таърих

руҷӯъ мекунад ва кӯтоҳандешии инсонро пеши назари хонанда аён мекунад.

Дар ҳамин боби рисола муаллиф дар заминаи осори публитсистии Ҳилолиён Аскар муайян менамояд, ки ӯ ҳамчун рӯзноманигори иҷтимоъшинос чеҳраи ҷомеи иҷтимоии инсонеро офаридааст, ки бо меҳнат ва рафтору ахлоқи худ намунаанд. Дар эҷоди ин гуна чеҳраҳо таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба фаъолияти Ҳилолиён Аскар чашмрас аст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Ҷойгоҳи публитсистикаи бадеӣ дар эҷодиёти нависанда»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад, ҷустуҷӯҳои нависанда дар роҳи эҷоди публитсистикаи бадеӣ таҳқиқ шудааст. Дар фасли аввали ин боб, ки **«Ҷанбаи публитсистии осори бадеии адиб»** унвон дорад, талошҳои фардии нависанда дар шинохти воқеият, сарнавишти шахсият ва тарзи инъикоси публитсистии он муайян ва мушаххас гардидааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки **«Консепсияи шахсият дар публитсистикаи бадеӣ»** номида шудааст, масъалаи шинохт ва инъикоси шахсият дар таҷрибаи эҷодии Ҳилолиён Аскар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин масъала, ки ба феноменологияи (хориқашиносии) тафаккури касбӣ алоқаманд аст, дар мисоли очеркҳои «Духтур ва аҷал», «Дасти сабуки Мушарраф», «Аз Адрасмон то Алмаато» (бо ҳамқаламии А. Воситзода), «Орзу ҷомаи амал мепӯшад», «Ҷӯянда – ёбанда», повести «Имзои шахсӣ» ва романи ҳуҷҷатии «Печутоби роҳҳо» (бо ҳамқаламии А. Шукӯҳӣ) баррасӣ гардидааст. Дар ин асарҳо шахсият бо хусусиятҳои иҷтимоиву таъмимии (типии) худ чун нерӯи фаъоли замон ва субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тасвир омадааст, ки баёнгари касбияти публитсистии муаллиф аст.

Боби чоруми диссертатсия – **«Хусусиятҳои жанрии осори публитсистии Ҳилолиён Аскар»** масъалаи хусусиятҳои сохтории жанрҳои

хабариву таҳлилӣ ва махсусияти жанрии осори публитсистиву бадеии адиб баррасӣ шудааст.

Фасли аввали ин боб **«Матолиби хабариву таҳлилӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳо»** унвон дошта, дар он навъҳои хабар ва тарзу тариқи корбурди он дар фаъолияти рӯзноманигории Ҳилолиён Аскар мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқи диссертант дар ҳамин боб нишон медиҳад, ки ваҳдати комили ҳадаф ва мавзуи осори гуногуни рӯзноманигор ва нависанда Ҳилолиён Аскарро жанр муайян ва мушаххас месозад. Ба ин далел, хусусият ва ҷойгоҳи жанрҳоро дар эҷодиёти муаллиф, пеш аз ҳама, вазифаи мушаххаси онҳо муайян менамояд. Дар эҷодиёти Ҳилолиён Аскар аз жанрҳои хабарӣ навъҳои хабар, ҳисобот ва репортаж фаровон истифода шудааст, ки ҳадафи хабардор кардан аз воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони муайянро дошта, дар ин ҳол мавзуъ мушаххасоти муайяни публитсистии худро аз даст намедиҳад.

Бо таҳқиқи мақолаҳои Ҳилолиён Аскар диссертант ба хулоса омадааст, ки мақолаи публитсистӣ дар эҷодиёти ӯ мавқеи хос дошта, муаллиф дар эҷоди ин жанр нафақат ба мантиқи воқеият, балки ба корбурди воситаҳои таъсиргузори ҳиссӣ низ эътибори хос дода, ба ин васила тавонистааст, ки хонандаро бовар кунонад, дар ӯ ҳолати муайянеро ба вуҷуд оварад ва барои иҷрои коре илҳом бахшад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар дар 10 банд зикр гардидаанд. Диссертант дар хулоса дуруст таъкид намудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқ ва арзёбии зиндагинома, эҷодиёт ва хусусиятҳои мундариҷавӣ ва шакли публитсистии осори рӯзноманигорӣ ва бадеии Ҳилолиён Аскар ба он далолат мекунад, ки фаъолияти ӯ зери таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он рӯзгор ҷараён гирифта, қонуниятҳои умумии инкишофи рӯзноманигорӣ ва адабиёти тоҷикии давраи мушаххасро инъикос менамояд.

Баробари муваффақиятҳои илмии ба даст омада, дар диссертатсия камбудиҳое ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро бештар хоҳанд кард:

1. Дар фасли дуюми боби аввал, самтҳои асосии фаъолияти эҷодии Ҳилолиён Аскар таҳқиқ карда шудааст, ки дар таснифи паҳлуҳои асосии фаъолияти эҷодии ӯ умумигӯи ба мушоҳида мерасад. Диссертант бо зикри чанд мақолаву асарҳои публитсистӣ ва бадеии адиб қаноатманд гардидааст;

2. Диссертант ҳангоми таҳқиқ ба адабиёти илмиву публитсистӣ такя мекунад, ки ин хуб аст, аммо баъзан хулосаи худи муаллиф ба назар намерасад. Ба тақвияти фикр, дар саҳифаи 48 дар як сархат 3 маротиба андешаи муҳаққиқи рус Е. Прохоров доир ба осори публитсистӣ ишора шудааст, аммо мавқеи муаллиф эҳсос намешавад;

3. Бобҳои III ва IV – и рисолаи диссертатсионӣ мазмунан ба ҳамдигар хеле наздиканд, аз ин рӯ хуб мешуд, ки зербобҳои ин ду боб дар як боб ҷобаҷо карда мешуданд;

4. Дар хулосаи диссертатсия мазмуни баъзе хулосаҳои фаслу бобҳо такрор шудааст. Диссертантро зарур буд, ки хулосаи диссертатсияро ба таври мушаххас, тариқи рақамгузорӣ ба шакл дарорад;

5. Дар диссертатсия ҷо ҷо услуби публитсистӣ ба назар мерасад, ки ин хоси рисолаи диссертатсионӣ нест;

6. Рисолаи диссертатсионӣ аз хатоиҳои имлоиву техникӣ орӣ нест ва мебояд, ки он ислоҳ карда шаванд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро муваффақона ба иҷро расонидааст. Рисолаи диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида буда, дорои аҳаммияти назариву амалӣ мебошад.

Автореферат ва 9 матолиби интишорнамудаи диссертант, ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар маҷмуаҳои

гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Рисолаи диссертатсионии Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар», таҳқиқи баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст. Он бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариву амалиаш ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (17 декабри соли 2022, суратҷаласаи №1) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 9 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва
санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо
Турсунзода» Мирзода З. Қ.

**Эксперт:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион ва
радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов З.

**Котиби илмии ҷаласа:**
омӯзгори калони кафедраи
журналистикаи телевизион ва

радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Абдуллоева А. Н.

Имзоҳои Мирзода З.Қ., Муъминҷонов З.,
Абудллоева А.Н.-ро **тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо
Турсунзода» Ҳамидова З. Ҳ.
19 декабри соли 2022

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад – 73а
Тел.: (+992 37) 231-18-27
E-mail: tajartins@yandex.com
Сомонаи расмӣ: www.ddst.tj